Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

## ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ омода шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи мазкур хеле мубрам ва пурарзиш буда, ҳаллу фасли вазифаҳои дар назди муаллиф гузошта, барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва дигар таълимоти ҳамҷавор мусоидат хоҳад кард. Унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки дар таҳқиқоти хеш ба ҷанбаҳои гуногуни муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ бо таври маҷмӯӣ ва бо пайдарҳамии мантиқӣ назар андӯхта, аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, андешаҳои олимони ватаниву хориҷӣ, маводи судиву тафтишотӣ ва омори ҷиноятӣ ба таври васеъ истифода намояд ва дар ин замина ба хулосаву пешниҳодҳои манфиатпазири илмӣ-амалӣ ноил гардад.

Дар воқеъ тавсияҳои аз ҷониби муаллиф коркардгардида, дорои аҳаммияти муҳимми илмиву амалӣ буда, барои мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ манфиатпазир мебошанд.

**Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда.**

Вобаста ба муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ғайр аз ин, дар доираи таҳқиқот як монография, як дастури илмӣ-таълимӣ, як китоби дарсӣ ва як дастури таълимӣ-методӣ ба чоп расонида шудааст, ки онҳо фарогири мазмуну моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошанд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ахёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» хеле муҳим арзёбӣ гардида, дар самти муқовимат ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ, ки бо истифодаи васоити ахбори оммма, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет содир мешаванд, дорои аҳаммияти баланди назариявӣ мебошад. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, имкон медиҳанд, ки муқаррароти қонунгузори ҷиноятӣ ва маъмурӣ дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ такмил ёбанд.

Инчунин, аҳаммияти таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти қонунгузор ва зимни муқовимат ба экстремизм дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, прокуратура, суд ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва барои ҳал

намудани мушкилоте, ки дар таҷрибаи ҳуқуқтадбиққунӣ дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ ба вуҷуд омадаанд, мусоидат намоянд. Натиҷаҳои бадастомадаи рисолаи мазкур метавонанд дар машғулиятҳои таълимӣ аз фанҳои «ҳуқуқи ҷиноятӣ», «криминология», «квалификатсияи ҷиноят» ва курси махсуси «муқовимат ба экстремизм ва терроризм» истифода гарданд.

Мақсад аз таҳияи рисолаи мазкур коркарди мафҳум ва мазмуни экстремизми иттилоотӣ, муайян намудани аломатҳои тавсифии он дар қонунгузории ҷиноятӣ ва дигар қонунгузории зиддиэкстремистӣ, ошкор сохтани масоили мубрам оид ба бандубаст кардан ва тафриқакунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ марбут ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистие, ки дар онҳо аломатҳои экстремизми иттилоотӣ инъикос ёфтаанд, ҳамчунин коркарди тавсияҳо ва пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба мукаммал сохтани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва дигар қонунгузории зиддиэкстремистии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Аз рӯйи мақсадҳои гузошташуда, дар рисола вазифаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд:**

– муайян ва мушаххас сохтани мафҳум, моҳият ва хавфнокии ҷамъиятии экстремизми иттилоотӣ;

– баррасии раванди ташаккулёбии аломатҳои умумиҳуқуқии экстремизми иттилоотӣ дар қонунгузории миллӣ;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии аломатҳои экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар шарикони минтақавӣ;

– муайян сохтани талаботи асосӣ вобаста ба криминализатсияи экстремизми иттилоотӣ, квалификатсия кардани он ва тафриқакунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин кирдор;

– мукаммалсозии аломатҳои тавсифдиҳандаи экстремизми иттилоотӣ дар қонунгузории зиддиэкстремистӣ;

– муайян сохтани талаботи бунёдӣ оид ба ҷудо намудани ҳудудҳои экстремизми иттилоотӣ аз зуҳуроти терроризми иттилоотӣ;

– коркарди хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснок оид ба мукаммалгардонии қонунгузории зиддиэкстремистӣ, аз ҷумла таркиби ҷиноятҳои марбут ба экстремизми иттилоотӣ.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки кори илмии мазкур нахустин таҳқиқоти диссертатсионии ватанӣ вобаста ба табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ махсуб меёбад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳёзода Ш.Т. дар асоси таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ, аз ҷумла, таҳлили диссертатсияҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, қонунҳо, консепсияву барномаҳои давлатӣ ва фикру андешаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ омода гардидааст. Нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, аҳаммияти муҳимми илмӣ дошта, асоснокии онҳо дар дохили диссертатсия бо таври фаррох таҷассум ёфтааанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ, асосноккунии он ва дараҷаи коркарди илмӣ нишон дода шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Тавсифи умумии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории амалкунанда» ном дорад, муаллиф масъалаҳои хавфи ҷамъиятии экстремизми иттилоотӣ, масоили хусусияти назариявӣ ва ҳуқуқидошта марбут ба пайдоиш ва ташаккулёбии мафҳуми экстремизми иттилоотӣ, танзими ҳуқуқии муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ-ро мавриди баррасӣ қарор додаасст.

Диссертант изҳор медорад, ки мафҳуми «экстремизми иттилоотӣ» дар миёнаҳои асри XX дар раванди ташаккулёбии технологияҳои иттилоотӣ ва иттилоотикунони ҷомеа ба вуҷуд омада буд, ки айни замон низ дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Ӯ мафҳумҳои «иттиллот», «иттилоотонӣ», «муошират», «тақаллубкории иттилоот», «экстремизм» ва дигар истилоҳоти бо онҳо алоқамандро вобаста ба воқеиятҳои таърихӣ, равандҳои сиёсӣ ва рушди қонунгузорӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулоса омадааст, ки дар солҳои охир дар бештари ҳолатҳо ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, бо истифода аз технологияҳои муосири

иттилоотӣ содир карда мешаванд. Муаллиф зикр менамояд, ки маълумоти бардурӯғ метавонанд бо таври гумроҳкунанда ва нодуруст мавқеи ҷомеаро дар равандҳои таърихӣ, иқтисодӣ, муносибатҳои байнидавлатӣ ва ғайра дигаргун сохта, идеяҳои «хеле пурарзиши сиёсиро» ба вуҷуд оваранд. Мавқеи муаллифро афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар даҳсолаи охир, ки бо истифода аз васоити ахбори оммма, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет дар дохил ва хориҷи кишвар содир карда мешаванд, собит месозанд. Ҳамчунин, муаллиф дар идома зикр намудааст, ки «экстремизми иттилоотӣ» дар меҳвари истилоҳоти ҳуқуқии «экстремизм», «фаъолияти экстремистӣ», «кирдорҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта», «ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта» дар ҳамгироӣ бо мафҳумҳои «иттилоот», «воситаҳои ахбори омма», «шабакаҳои алоқаи барқӣ», «интернет», «иттилооти зараровар» ва дигар мафҳумҳои ба онҳо алоқаманд фаҳмида шуда, дорои табиати ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошад, ки аломатҳои он дар моддаҳои гуногуни Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия – «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ ва проблемаҳои квалификатсияи он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои умумии криминализатсия (ҷиноят эътироф намудани кирдор), квалификатсия (бандубаст намудани кирдор) ва дифференсиатсияи (тафриқакунинии) экстремизми иттилоотӣ, мукаммалсозии таркиби ҷиноятҳои хусусияти экстремистие, ки, бо истифодаи васоити ахбори оммма, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет содир мешаванд, мавриди баррасӣ қаррор дода шудаанд.

Муаллиф зикр менамояд, ки табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии моддаҳои 189, 307, 307(1) ва 307(3) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳсбарангез, номукаммал мебошанд. Ӯ сабаби чунин номутобиқатиро дар ихтилофбарангез будани мазмуни истилоҳоти «фаъолияти экстремистӣ»,

«фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ эътироф карда мешавад», «ташкилоти экстремистӣ», «иттиҳоди экстремистӣ» медонад.

Диссертант зикр менамояд, ки табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии моддаҳои 189, 307 ва 307(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогири моддаҳои 307(2) ва 307(3) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, зеро ангезаҳои экстремистӣ дар моддаҳои 189, 307 ва 307(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо ба якдигар дар омезиш ва ҳамгироӣ қарор доранд. Бо дарназардошти омилҳои дар боло зикршуда ва Лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав муаллиф пешниҳод намудааст, ки моддаҳои 189, 307, 307(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи як модда бо номи «Даъватҳои оммавӣ барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта» ва моддаҳои 307(2) ва 307(3) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи як модда муттаҳид карда шаванд.

Мавзуи диссертатсия, мундариҷаи он ва хулосаву тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант дуруст ва ба мақсад мувофиқ мебошанд. Рӯйхати адабиёти дар диссертатсия истифодашуда низ ба пуррагӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои назариявӣ, амалӣ ва инчунин тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ, ки дар таҳқиқот инъикос гардидаанд, барои такмили Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунгузории зиддиэкстремистӣ мусоидат хоҳанд кард.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия собит месозанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади амалӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Таҳлили таҳқиқоти мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки он дорои арзиши баланди илмӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ба анҷом расонида шудааст ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти дорои аҳаммияти илмиву амалӣ ва мантиқан анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳ.С.

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3
Тел.: (+992) 93 113 85 23

Имзои Сафарзода Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам:
муовини сардори шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия Камолӣ З.Б.

25 октябри соли 2024